**ВАЗОРАТИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ФАРМОИШ**

аз «21» 10 с.2024 №114

Дар бораи тасдиқи Оинномаи Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази рақамикунонӣ, инноватсия ва такмили ихтисоси кадрҳои соҳаи кишоварзӣ»

Мутобиқи моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва банди 9 Низомномаи Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.04.2008, №191 тасдиқ гардидааст, ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Оинномаи Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази рақамикунонӣ, инноватсия ва такмили ихтисоси кадрҳои соҳаи кишоварзӣ» тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази рақамикунонӣ, инноватсия ва такмили ихтисоси кадрҳои соҳаи кишоварзӣ» фаъолият ва ҳуҷҷатгузории худро ба оинномаи мазкур мутобиқ намояд.

3. Фармоиши Вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.08.2023, №90 «Дар бораи тасдиқи Оинномаи Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази такмили ихтисоси кадрҳои соҳаи кишоварзӣ» аз эътибор соқит дониста шавад.

Вазир Ҳакимзода Қурбон

Замима
ба фармоиши
Вазири кишоварзии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «21» 10 2024, №14

Оинномаи
Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази рақамикунонӣ, инноватсия ва такмили ихтисоси кадрҳои соҳаи кишоварзӣ»

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Оинномаи Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази рақамикунонӣ, инноватсия ва такмили ихтисоси кадрҳои соҳаи кишоварзӣ» (минбаъд-Оиннома) дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи корхонаҳои давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, мақсад, вазифа, уҳдадорӣ, вазъи ҳуқуқӣ, сохтор, идоракунӣ ва дигар самтҳои фаъолияти Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази рақамикунонӣ, инноватсия ва такмили ихтисоси кадрҳои соҳаи кишоварзӣ»-ро танзим менамояд.

2. Муассиси Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази рақамикунонӣ, инноватсия ва такмили ихтисоси кадрҳои соҳаи кишоварзӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Муассис) ва мақоми идоракунии давлатии ваколатдоркардашудаи корхонаи мазкур Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Вазорат) ба ҳисоб меравад.

3. Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази рақамикунонӣ, инноватсия ва такмили ихтисоси кадрҳои соҳаи кишоварзӣ» (минбаъд-Корхона) дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006, №591 дар номгӯи ташкилотҳои Вазорат пешбинӣ шудааст.

4. Корхона дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи корхонаҳои давлатӣ», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои ҳайати мушовара ва фармоишҳои Вазорати кишоварзӣ ва Оинннромаи мазкурро ба роҳбарӣ мегирад.

5. Корхона аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, маблағгузориҳои шарикони рушд, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ, даромадҳои худӣ, хизматрасониҳо ва дигар сарчашмаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, маблағгузорӣ карда мешавад. Вазорат барои фаъолияти Корхона метавонад онро бо бино, воситаҳои асосӣ ва дигар таҷҳизотҳои зарурӣ барои истифодабарӣ таъмин намояд.

6. Корхона шахси ҳуқуқии мустақил буда, дорои ҳуқуқи идораи оперативӣ, муҳр бо тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

номи худ, штамп, бланкаи фирмавӣ, хароҷотнома (смета), тавозуни муҳосибавии мустақил, суратҳисобҳои бонкӣ, аз он ҷумла бо асъори хориҷӣ мебошад.

7. Корхона оид ба уҳдадориҳои худ бо тамоми молу мулки дар ихтиёрдоштааш масъул аст. Корхона барои уҳдадориҳои муассис, Муассис барои уҳдадориҳои Корхона, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъулият надоранд. Дахолати шахсони мансабдор, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба фаъолияти корхона манъ аст, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст.

8. Номи расмии Корхона:

- бо забони тоҷикӣ: Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази рақамикунонӣ, инноватсия ва такмили ихтисоси кадрҳои соҳаи кишоварзӣ»;
- бо забони русӣ: Государственное унитарное предприятие «Центр цифровизации, инновации и повышения квалификации кадров сельского хозяйства»;
- бо забони англисӣ: State Unitary Enterprise «Center for Digitalization, Innovation and Capacity building of Agricultural Employees».

9. Маҳалли ҷойгиршавии Корхона: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи Гипрозем 16.

## 2. ҲОЛАТИ ҲУҚУҚИИ КОРХОНА

10. Шакли ташкиливу ҳуқуқии Корхона бо санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

11. Корхона ташкилоти тиҷоратии худмаблағгузор буда, таъмини он аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, кӯмак ва маблағгузориҳои шарикони рушд, ҷалби сармоя, маблағҳои аз ҳисоби фаъолияти хоҷагидорӣ, хизматрасониҳои ба даст омада ва маблағҳое, ки дар доираи шартнома ва созишномаҳои басташуда бо шахсони ҳуқуқию воқеӣ, шарикон, ташкилотҳои донорӣ барои иҷрои мақсадҳои оинномавӣ пешниҳод мешаванд, амалӣ карда мешавад.

12. Корхона аз номи худ ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиро соҳиб мегардад ва уҳдадориҳо дорад, дар суд мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун даъвогар ва ҷавобгар баромад мекунад.

13. Корхона бо тартиби муқарраргардида аз лаҳзаи ба қайди давлатӣ гирифта шуданаш мақоми шахси ҳуқуқиро соҳиб мешавад. Муносибатҳои мутақобила байни Корхона ва дигар шахсони ҳуқуқию воқеӣ дар асоси шартномавӣ сурат мегирад.

14. Корхона тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад дар мувофиқа бо вазорат филиал ва намояндагиҳо, ки шахси ҳуқуқӣ намебошанд, таъсис диҳад.

15. Корхона фаъолияти худро мустақиман дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, шарикони рушд, ҷамъияту ассотсиатсияҳо ва дигар сохторҳо анҷом медиҳад.

16. Корхона дорои ҳуқуқи фаъолияти ҳамоҳангсоз дар рушд ва ташаккули рақамикунонии соҳаи кишоварзӣ, баланд бардоштани малакаи кормандони соҳаи кишоварзӣ дар самти истифодаи технологияҳои рақамӣ, таъмини хоҷагиҳои кишоварзӣ бо технологияҳои рақамӣ, тайёр намудан ва баланд бардоштани тахасуси кадрҳо, бозомузӣ, мубодилаи таҷриба, паҳн намудани дастовардҳои илмии муосир, ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо, омузиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, гузаронидани курсҳои таълимӣ ва ҳамчунин амалисозии хизматрасониҳои пулакие мебошад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

17. Мутобиқи Оинномаи мазкур ба Корхона иҷозат дода шудааст, ки бо фаъолияти даромаднок машғул шавад. Даромад ва амволи аз даромад бадастовардашуда ба ихтиёри Корхона гузошта шуда, дар мувозинаи (баланси) алоҳида ба ҳисоб гирифта мешавад.

18. Корхона дорои ҳуқуқҳои зерин мебошад:

- иштирок дар масъалаи таҳия ва мукаммалгардонии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба самти фаъолият;
- тибқи тартиби муқарраргардида ҷалби корхонаву муассисаҳои зертобеи вазорат, намояндагони дигар вазорату идораҳои дахлдор дар таҳия ва баррасии масъалаҳои вобаста ба фаъолияти корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ;
- фароҳам овардани шароит барои пайдоиш ва рушди ғояҳо ва технологияҳои рақамию инноватсионӣ, ки истифодаи иқтидорҳои илмию саноатии корхонаҳо, хоҷагиҳо, муассисаҳои таълимӣ ва дигар корхонаву ташкилотҳои илмию тадқиқотиро дар соҳаи кишоварзӣ таъмин менамояд;
- ташкили ҳамкориҳои муштараки мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳалии ҳокимияти давлатӣ дар ҳалли масъалаҳои вобаста ба рушди рақамикунонии соҳаи кишоварзӣ, баланд бардоштани донишу малакаи кормандони соҳаи кишоварзӣ, бозомузии онҳо, робита бо муассисаҳои таълимӣ, дастрасии навовариҳо дар соҳаи кишоварзӣ, адабиёти методӣ, тавзеҳӣ, тавсиявӣ ва машварати электронии соҳаи кишоварзӣ;
- ҷалби намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ барои таҳия ва баррасии масоил ва мушкилиҳои алоҳида, ки ба вазифаҳои Корхона дахл доранд, ба истисноӣ масъалаҳое, ки дорои сири давлатӣ буда, бо қонун ҳифз карда мешаванд;
- дар доираи қоидаҳои муқарраргардида пурсиш ва дастрас намудани маълумотҳои зарурӣ аз корхонаву муассисаҳои зертобеи вазорат, дигар вазорату идораҳо, иттиҳодияҳо, корхонаҳо, ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои вобаста ба самти фаъолияти худ;
- истифодабарии қарзҳои бонкӣ тибқи қонунгузории амалкунанда;
- ҳамчун иҷорагир ва иҷорадеҳ тибқи тартиби муқарраргардида баромад намудан;

- қабул намудани грантҳо ва дастгириҳои техникӣ аз Вазорати кишоварзӣ, шахсони воқеию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин ташкилотҳои байналмилалӣ, институтҳо ва давлатҳои сармоягузор;

- дорои дигар ҳуқуқҳое мебошад, ки бо қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои корхонаҳои воҳиди давлатӣ муайян карда шудааст.

19. Корхона уҳдадор аст:

- ба кормандони худ шароити меҳнатиро мутобиқи кодекси меҳнат таъмин намуда, тибқи тартиби муқарраргардида барои зарари ба саломатӣ ва қобилияти меҳнатии онҳо расонидашуда масъулият бар дӯш дорад;

- баҳисобгирии фаврӣ ва муҳосибавии фаъолияти хоҷагидории молиявию истеҳсолиро анҷом дода, ҳуҷҷатҳои оморӣ ва муҳосибавиро таҳия намояд;

- воситаҳои асосӣ ва молиявиро тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намояд;

- мурожиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намояд;

- дигар уҳдадориҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, таъмин намояд.

## 3. МАҚСАД ВА САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНА

20. Корхона дар соҳаи кишоварзӣ вобаста ба самти рушди рақамикунонӣ, инноватсия ва такмили ихтисоси кадрҳои соҳаи кишоварзӣ фаъолияти зеринро амалӣ менамояд:

- андешидани тадбиру чораҳо дар самти баланд бардоштани низоми рақамӣ ва инноватсия, таъмини илмию техникӣ ва инноватсионии идомаи ислоҳоти аграрӣ дар соҳа;

- баланд бардоштани нерӯи зеҳнии илм ва сармояи инсонӣ, навсозӣ, ва рушди рақамикунонию инноватсионии инфрасохторӣ дар соҳаи кишоварзӣ;

- андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати ташаккул ва рушди заминаи мусоид барои рақамикунонии соҳаи кишоварзӣ, таъмини хоҷагиҳои кишоварзӣ бо технологияҳои рақамӣ;

- баланд бардоштани малакаи кормандони соҳаи кишоварзӣ дар самти истифодаи технологияҳои рақамӣ;

- ташкил ва муҳайё сохтани шароити мусоид ҷиҳати дастрасии кифоя ба технологияи рақамӣ дар соҳаи кишоварзӣ;

- чораандешии мукаммал намудани истифодаи механизми татбиқи дастовардҳои илмӣ дар соҳаи кишоварзӣ;

- омузиш ва рушд додани бозори фуруши маҳсулоти кишоварзӣ бо истифода аз технологияҳои рақамӣ;

- ба роҳ мондани рақамикунонии соҳаи кишоварзӣ дар самти огоҳонидани кишоварзон аз вазъи обу ҳаво ва тамоюли истеҳсоли маҳсулот дар ҳамкорӣ бо мақомоти обу ҳавошиносӣ;

- дар якҷоягӣ бо мақомоти дахлдор таъсиси платформаҳои тиҷоратӣ барои молҳои кишоварзӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ;

- таъмини амборҳои замонавии сардхонаҳо ва гармхонаҳо бо технологияҳои рақамӣ барои нигоҳдории маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ;

- мусоидат дар фароҳам овардани шароити муносиб ва ташаккули ҳавасмандӣ барои фаъолият дар соҳаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ;

- ҷалби сармоя барои рушди рақамикунонии соҳаи кишоварзӣ;

- муайян ва роҳандозии низоми рақамии танзими муносибатҳои давлатӣ бо аҳолӣ ва бахши хусусӣ;

- ташаккули механизми дастгирии тиҷоратикунонии натиҷаҳои илмию техникии дорои хусусияти инноватсионӣ;

- дастгирии рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар самти фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ;

- мусоидат намудан дар рушд ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти инноватсионӣ дар асоси тиҷоратикунонии фаъолият;

- ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои соҳибкории самти инноватсия ва технологияҳои рақамӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва барои беҳтар намудани фаъолият дар ин самт андешидани тадбирҳо якҷо бо мақоми ваколатдори давлатӣ;

- ҷорӣ намудани воситаҳои рақамӣ ва инноватсионии муосир оид ба истифодаи захираҳои иттилоотӣ, платформаҳо, дастрасӣ ва сари вақт гирифтани маълумотҳо, идоракунии равандҳо ва фурӯши маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ;

- истифодаи технологияҳои моҳворавӣ, тайёраҳо, дронҳо ва асбобҳои обуҳавосанҷӣ барои муайян ва омӯхтани шароити истифодаи замин, маҳсулоти кишоварзӣ, обу ҳаво ва хок;

- ташкили низоми иловагии таҳсилоти касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос;

- таҳияи барномаҳои муосири омузишӣ ва мутобиқсозии онҳо ба талабот, шароит ва хоҳиши шунавандагон;

- қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти соҳа ба мутахассисони баландихтисос;

- инкишофи қобилияти зеҳнӣ, салоҳият, дониш ва малакаю маҳорати мутахассисони соҳаи кишоварзӣ;

- ташаккули ҳайати мушовирони таълимӣ;

- густариш ва иттилоотдиҳии дониши кишоварзӣ, мунтазам бурдани ташвиқоту тарғиботи таъмини амнияти озуқаворӣ, проблемаҳои ҳифзи муҳити зист, фаъолияти сарфакорӣ ва ҳифз намудани арзишҳои миллӣ;

- мунтазам такмил додани сифати бозомузӣ, такмили ихтисоси касбӣ ва ихтисосгирии мутахассисон, дар асоси таълими бефосила бо назардошти дастовардҳои илму техника ва кишоварзии амалӣ, ҷорӣ намудани технологияи фосилавии донишомузӣ бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми давлатии идораи маориф;

- тайёр намудани барномаҳои омузишӣ, роҳнамо ва дастурамалҳои таълимӣ - методӣ барои фермерон, хоҷагидорон ва мутахасисони соҳаи кишоварзӣ дар якҷоягӣ бо Академияи илмҳои кишоварзӣ ва Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур;

- ҷорӣ намудани комёбиҳои илм ва техника, инчунин технологияи муосири маълумотӣ барои мутахассисони соҳаи кишоварзӣ;

- баланд бардоштани самараноки иқтисодии соҳаи кишоварзӣ ва афзоиши ҳиссаи он дар таъмини амнияти озуқаворӣ, аз ҷумла ғизои солим;

- мусоидат ба такмили пайвастаи салоҳияти касбӣ, таҳкими неруи эҷодӣ ва қонеъгардонии талаботи шаҳрвандон ба дониш, малака ва маҳорат, мутобиқшавӣ ба вазъи имрӯза, меҳнати касбӣ, инкишофи маънавӣ ва такомули шахсӣ;

- афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ тавассути омӯзиш ва ҳавасмандгардонии кишоварзон ба истифодаи усул ва технологияҳои нави кишоварзӣ, диверсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ, дар якҷоягӣ бо мақомоти дахлдор ҷорӣ намудани навовариҳо бо назардошти таъсири камтарин ба муҳити зист ва сифати заминҳо, таҳияи чорабиниҳо оид ба иваз намудани моддаҳои кимиёвии то андозае хатарнок ба алтернативӣ, баланд бардоштани ҷолибияти соҳа, бахусус барои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) аз ҳисоби ташаккул ва таҳким додани занҷираҳои арзиши иловашуда;

- дар якҷоягӣ бо мақомоти дахлдор мониторинги омӯзишҳои соҳаи кишоварзӣ, баррасии модулҳои омӯзишии муосири техникӣ ва ҷалби бештари ҷавонон ба фаъолияти кишоварзӣ;

- ташкил ва расонидани хизматрасониҳои босифат ва касбӣ дар соҳаи кишоварзӣ;

- пешниҳод ва ба роҳ мондани хизматрасониҳои машваритию иттилоотӣ дар соҳаи кишоварзӣ;

- ташаккули маҳзани мутахассисони варзидаи соҳа ва таҷрибаҳои беҳтарини кишоварзӣ ва пешбурди он;

- хизматрасонӣ (иҷрои кор) дар соҳаи рақамикунонӣ;

- ҷиҳозонидан ва бунёд намудани системаҳои оператсионӣ ва таъминоти барномавӣ ва ҳифзи зиддивирусӣ;

- ҷиҳозонидан, васеъ кардан ва бунёд намудани алоқаҳои иттилоотӣ ва компютерӣ;

- таҳия намудани махзани маълумот ва системаҳои иттилоотӣ, барқароркунӣ ва нусхабардории маълумот;

- мусоидат дар таҳия намудани web-заминаҳо, порталҳои интернетӣ, барномаҳои мобилӣ ва серверҳои дохилиидоравӣ тибқи фармоиш;

- таҳия ва ҷойгиркунии web-сомонаҳо, кумак барои ташкил намудани сомонаҳо, фаъолиятиноширӣ ва ахборӣ;

- ҳамкорӣ бо ташкилот ва мақомоти давлатӣ дар самти татбиқи ҳукумати электронӣ ва низоми иттилоотӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳия ва ҳамроҳии сомонаҳо дар шабакаи интернет, лоиҳакашии шабакаҳои локалӣ-ҳисоббаробаркунӣ;

- мусоидат ба таҳия ва ҷорӣ намудани низоми давлатии электронӣ-ҳуҷҷатӣ, иттилоотӣ-баҳисобгирӣ ва телекоммуникатсионӣ дар ҳама воҳидҳои сохтории Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар

захираҳои иттилоотӣ-ҳуқуқӣ, таъмини амнияти маъмурикунонӣ, назорат ва амнияти маълумоти шахсӣ дар ҷараёни ташаккул, ҳифз ва истифода тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таъмини амнияти иттилоотӣ дар Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои он, риояи муқаррароти қонунгузории соҳаи ҳифзи иттилоот;

- мусоидати ҳамаҷониба ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар дастрасӣ ба иттилооти илмию техникӣ, таълимӣ ва ҳуқуқӣ бо воситаи таҳия, омодасозӣ, муайян кардани адади нашр ва фурӯши адабиёти дахлдор ва дигар маводҳо;

- мусоидат ба ҷорӣ, якҷоякунонӣ ва муттаҳид кардани воситаҳои инноватсионии пешрафта дар кор бо иттилооти ҳуқуқӣ ва маълумоти рақамӣ дар доираи фаъолияти умумии ҳамаи сохторҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамкории электронии байниидоравӣ, аз ҷумла таҳия ва пешбурди пойгоҳи маълумот, захираҳо, порталҳои интернетӣ, барномаҳои компютерӣ ва мобилӣ;

- ташкил намудани чорабиниҳо, вохуриҳо, курсҳои такмили ихтисос ва семинарҳо бо хоҷагидорон дар марказ ва минтақаҳои ҷумҳурӣ, ки ба ташаккул ва рушди рақамикунонӣ, донишу малака, навовариҳо, санадҳои меъёрию ҳуқуқии нав, таҷрибаи беҳтарин, дастгирӣ дар таҳия ва тартиб додани нақшаи тиҷоратӣ, лоиҳаи сармоягузорӣ, воситаҳои муосири идоракунӣ, маркетинг, талаботи низоми нави пардохтҳо, мушкилот бо тартибот ва бурдани ҳисоботи молиявӣ равона карда мешаванд;

- ҳамоҳангсоз ва ҳамроҳии техникӣ дар баргузории семинарҳо, конфронсҳо, озмунҳо ва намоишҳо;

- ба таври шартномавӣ ташкили курсҳои кутоҳмуддати омӯзишии технологияҳои иттилоотӣ коммуникатсонӣ, забонҳои хориҷӣ;

- таҳия ва паҳн намудани маводҳои тарғиботӣ, аз ҷумла роҳнамо, харитаи роҳ, китобу маҷаллаҳо, буклету брошура, роликҳо, диск, флешкорт ва армуғону туҳфаҳо;

- мусоидат дар ҷустуҷуи лоиҳаҳои афзалиятноки соҳаи кишоварзӣ ва ҷалби сармоягузориҳо барои амалишавии лоиҳаҳо;

- расонидани хизматрасониҳои сайёҳии кишоварзӣ, намоишию тарғиботӣ, роҳбаладӣ, валантиёрӣ, фарҳангию фароғатӣ, табобатию истироҳатӣ, меҳмонхонадорӣ, танзими пазироиҳои расмӣ ва корӣ;

- паҳн кардани барномаҳои литсензионӣ;

- хизматрасониҳои техникӣ, таъмир, ташхиси мошинаҳои корхонагӣ, таҷҳизоти ҳисоббаробаркунӣ, воситаҳои алоқа ва дигар таҷҳизоти технологӣ;

- тибқи тартиби муқарраршуда амалӣ намудани ҳамкориҳои илмию техникӣ бо ташкилотҳо, аз ҷумла ширкатҳои хориҷӣ;

- иштирок дар таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба фаъолияти Корхона дахлдошта, инчунин таҳияи пешниҳод ба лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатӣ оид ба масъалаҳое, ки ба ваколати Корхона дохил мебошанд;

- бурдани гуфтушунид ва ба имзо расонидани шартномаҳо бо сохторҳои дигар давлатҳо оид ба такмили фаъолияти Корхона дар доираи Оинномa ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- дигар намуди фаъолият, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст ва дар ин замина ба даст овардани фоида.

21. Корхона вазифадор аст:

- ҷиҳати рушди рақамикунонӣ, инноватсия, омузиш ва дастрасӣ ба технологияҳои рақамӣ;

- дар ҷорӣ намудани навовариҳои инноватсионии технологияҳои камасраф барои об, маводи ғизоӣ, зироатҳо ва чорво, истифодаи нуриҳо, нигоҳдорӣ ва коркарди ашёи хоми кишоварзӣ;

- фароҳам овардани шароит барои инкишофи зеҳнӣ, салоҳият, дониш ва малакаю маҳорати шунавандагон ва иштирокчиёни курсу семинарҳои такмили ихтисос;

- қонеъ гардонидани талаботи шунавандагон ба омӯзиши касб, малака, маҳорат, такмили ихтисос, иваз намудани касб ва ба даст овардани салоҳияти касбӣ, ки барои фаъолияти муваффақи меҳнатӣ зарур мебошад;

- рушди қобилияти таълими мустақилона ва омӯзонидани дигарон;

- муҳайёсозии шароити ташкилӣ, молиявӣ, техникӣ, технологӣ ва таъминоти дигари интишорӣ, маблағгузорӣ, меҳнатию истеҳсолӣ вобаста ба фаъолияти матбуоти даврӣ;

- бақайдгирӣ ва пешниҳоди маълумот ба мақомоти дахлдори давлатӣ оид ба баҳисобгирии давлатии фаъолиятҳои ноширӣ, полиграфӣ ва матбуоти даврӣ;

- амалӣ намудани хизматрасониҳо, чорабиниҳои иттилоотию методӣ, ташкилию оммавӣ дар доираи салоҳияти худ.

22. Корхона қобилияти махсуси ҳуқуқӣ ва уҳдадориҳои граждaниро барои ба амал баровардани фаъолиятҳои дар ҳамин Оиннома муқарраршуда доро мебошад.

23. Корхона дар баробари самти рушди рақамикунонӣ, инноватсия ва такмили ихтисоси кадрҳои соҳаи кишоварзӣ инчунин фаъолиятҳои зеринро ба амал мебарорад:

- фаъолият вобаста ба пешбурди рақамикунонӣ дар соҳаи кишоварзӣ;

- ташкил ва пешбурди маҳзани маълумоти кишоварзии рақамӣ;

- таҳия ва чопи харитаҳои рақамии кишоварзӣ;

- ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор дар самти рақамикунонии кишоварзӣ;

- нигоҳдорӣ ва хизматрасонии серверҳои кишоварзии рақамӣ;

- амалӣ намудани таткиқоти илмӣ дар соҳаҳои мухталифи кишоварзӣ;

- таҳия ва нашри тавсияҳо дар соҳаҳои мухталифи кишоварзӣ;

- ба роҳ мондан, ба табъ расонидан ваноширии матбуоти даврии (рӯзномаҳо, маҷаллаҳо) Вазорати кишоварзӣ ва Корхона;

- ба роҳ мондани фаъолияти полиграфӣ;

- фаъолият оид ба фурӯш ва паҳн кардани маҳсулоти чопӣ;

- фаъолияти матбуоти даврӣ;

- бақайдгирии давлатӣ, омодасозӣ ва интишори маҷаллаи Вазорати кишоварзӣ, рӯзномаҳо ва дигар матбуоти даврӣ вобаста ба самти фаъолияти Вазорат ва ба самти фаъолияти Корхона;

- таҳия, таҳлил ва татбиқ намудани барномаҳо ва лоиҳаҳо;

- расонидани ёрии амалӣ вобаста ба методикаи такмилӣ ва корҳои илмию методӣ;

- хизматрасониҳои машваратию иттилоотӣ;

- гузаронидани омӯзишҳои шаҳрвандон вобаста ба соҳаи кишоварзӣ;

- тибқи тартиби муқарраргардида ташкил ва баргузории семинар-машваратҳо бо иштироки мутахассисон ва олимони миллию хориҷии соҳавӣ;

- ташкил ва баргузории курсҳои бозомӯзӣ барои кормандони Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳияи нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ;

- таҳия, таҳлил ва баҳогузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ;

- таҳия, таҳлил ва баҳогузории барномаҳои соҳавӣ;

- ҷалби лоиҳаҳо, грантҳо, барномаҳо барои амалӣ намудани фаъолият;

- ташкил ва баргузории курсҳои пулакӣ.

24. Фаъолиятҳоеро, ки барои онҳо иҷозатнома (иҷозати махсус), шаҳодатнома ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқдиҳандаи иҷрои фаъолият лозим аст, баъд аз ба даст даровардани ин ҳуҷҷатҳо бо тартибе, ки қонунгузорӣ муайян намудааст, ба амал баровbooarда метавонад.

25. Корхона ҳуқуқ дорад дар доираи мақсаду вазифаҳои худ ва мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақилона фаъолияти иқтисодӣ хориҷиро анҷом диҳад.

26. Барои ин мақсадҳо Корхона метавонад:

- ҳангоми зарурат барои иҷрои вазифаҳои худ мутахассисони Вазорати кишоварзӣ, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ, тиҷоратӣ ва ғайридавлатиро дар доираи қонунҳои амалкунанда ҷалб намояд;

- амалиёти содироту воридотиро амалӣ намояд;

- дар мувофиқа ва розигӣ бо Вазорат дар ташкили корхонаҳои муштарак ва дигар шакли корхонаҳо бо ҷалби сармоягузорони хориҷӣ иштирок намояд;

- мутобиқи тартиби муқарраргардида бо ташкилот ва ширкатҳои кишварҳои хориҷӣ ҳамкории илмию техникӣ ва истеҳсолиро мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намояд;

- тибқи тартиби муқарраргардида дар намоишгоҳҳо, ярмаркаҳо ва биржаҳои байналмиллалӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он иштирок кунад.

- дигар намуди фаъолиятеро, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, анҷом диҳад.

27. Даромад бо асъори хориҷӣ, ки Корхона дар натиҷаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба даст овардааст, баъд аз пардохти андоз ба буҷет

мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби он мустақилона истифода мегардад.

28. Корхона моддаҳои хароҷотро вобаста ба масраф ва даромади семоҳа, шашмоҳа, нуҳмоҳа ва солонаи молиявӣ баррасӣ ва таҳия намуда ба Вазорати кишоварзӣ барои тасдиқ пешниҳод менамояд. Натиҷаи фаъолияти истеҳсолию хоҷагидории семоҳа, шашмоҳа, нуҳмоҳа, солона ва балансҳои муҳосибиро таҳлил намуда, ҳисоботҳоро ба Вазорати кишоварзӣ барои тасдиқ пешниҳод менамояд.

## 4. ИДОРАКУНИИ КОРХОНА

29. Корхонаро Директор идора менамояд, ки ӯро Вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод мекунад. Муовини Директор ва сармуҳосиби Корхонаро Вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.

30. Директори Корхона:

- мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур ба фаъолияти ҷории Корхона роҳбарӣ менамояд, барои иҷрои мақсадҳо ва вазифаҳои ба Корхона вогузоршуда масъулияти шахсӣ дорад;
- моликияти Корхонаро дар асоси қоидаҳои муқарраргардида идора менамояд;
- истифодаи самаранок, нигоҳдории моликият ва истифодабарии маблағҳои Корхонаро таъмин менамояд;
- дар доираи салоҳияти худ фармоиш медиҳад, ки иҷрои он барои ҳамаи кормандони Корхона ҳатмӣ мебошад;
- Корхонаро дар назди вазорату идораҳо, мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомотҳои судии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар корхона, муассиса, ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ намояндагӣ мекунад;
- аз номи Корхона бе ваколатнома баромад мекунад;
- ҷиҳати ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани муовини Директор ва сармуҳосиби Корхона ба Вазири кишоварзӣ номзад пешниҳод мекунад;
- тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба намояндагони худ барои иштирок намудан дар мақомотҳои тафтишоти пешакӣ ва баррасии парвандаҳои судӣ ваколатномаҳо медиҳад;
- кормандони корхонаро ба истиснои муовини Директор ва сармуҳосиби Корхона тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод мекунад;
- нақшаи корӣ, ҷадвали басти вазифаҳо, сметаи даромаду хароҷот, инчунин меъёрҳои тақсими фоидаеро, ки дар ихтиёри Корхона боқӣ мондааст тибқи тартиби муқарраргардида таҳия намуда, барои тасдиқ ба Вазири кишоварзӣ пешниҳод менамояд;
- уҳдадориҳои вазифавӣ ва мансабии кормандони Корхонаро тасдиқ менамояд;

- бо кормандони Корхона шартномаҳои меҳнатӣ мебандад ва онҳоро мувофиқи қонунгузорӣ бекор менамояд;

- ҳуҷҷатҳои молиявӣ, ҳисоботӣ ва дигар ҳуҷҷатҳоро ба имзо мерасонад;

- усули пардохти музди меҳнат, намуди мукофотпулиҳоро аз руи натиҷаҳои фаъолияти солона муайян менамояд;

- ба кормандон ҳавасмандгардонӣ ва ҷазои интизомиро тибқи тартиби қонунгузорӣ муайян мекунад;

- тибқи тартиби муқарраргардида дар мувофиқа бо мақомоти зиддиинҳисорӣ андозаи нархҳо ва тарифҳоро оид ба хизматрасониҳои пулакӣ тасдиқ мекунад;

- аз натиҷаи фаъолияти Корхона ба Вазири кишоварзӣ ҳисоботи семоҳа, шашмоҳа, нуҳмоҳа ва солона медиҳад;

- ба кормандон ҳавасмандгардонӣ ва ҷазои интизомиро тибқи тартиби қонунгузорӣ муайян мекунад;

- масъалаҳои аттестатсия, тайёрии касбӣ ва баланд бардоштани тахасуси кормандони Корхонаро ҳал менамояд;

- ҷиҳати ворид намудани тағйиру ва иловаҳо ба Оинномаи Корхона ба Вазорат пешниҳод манзур менамояд;

- дигар ваколатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, амалӣ мекунад.

31. Директори Корхона фаъолияти худро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур ба роҳ монда, ба Вазири кишоварзӣ тобеъ ва ҳисободиҳанда мебошад. Дар Корхона тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ метавонад шӯрои нозирони Корхона таъсис дода шавад.

32. Сохтори Корхона аз ҷониби Директор тасдиқ карда мешавад. Аз ҷониби Вазорат баамалбарории ваколатҳо нисбати Корхона тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

## 5. МОЛИКИЯТ ВА ВОСИТАҲОИ КОРХОНА

33. Моликияти Корхона аз фондҳои асосӣ ва воситаҳои гардишӣ инчунин арзишҳои дигаре, ки дар мувозинаи мустақили Корхона муайян карда шудааст, иборат мебошад.

34. Амволи Корхона моликияти давлатӣ буда, ба Корхона барои идоракунии оперативӣ вобаста карда шудааст.

35. Манбаъҳои ташкил ёфтани молу мулки Корхона:

- маблағҳое, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ ҷудо карда мешаванд;

- даромадҳое, ки аз фаъолияти тиҷоратӣ, истеҳсолию хоҷагидории Корхона ба даст омадааст;

- маблағгузориҳои шарикони рушд;

- маблағҳое, ки бо роҳи ҷалби сармоя ба даст омадаанд;

- саҳмҳои пулӣ ва моддии Муассис;

- грантҳо, қарзҳои бонкӣ, воридоти хайриявӣ ва кумакҳо;

- манбаъҳои дигаре, ки қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

36. Фоидаи Корхона аз ҳисоби даромад аз фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар маблағгузориҳо ташаккул меёбад. Фоидае, ки дар ихтиёри Корхона баъд аз супоридани пардохтҳои ҳатмӣ боқӣ мемонад, тибқи талаботи қонунгузорӣ тақсим карда мешавад.

37. Корхона дар назди Вазорати кишоварзӣ мустақилона ҳисобот медиҳад.

38. Корхона маблағҳои худро дар ҳисобҳои муассисаҳои бонкӣ нигоҳ медорад ва вобаста ба ин ҳама гуна чораҳои дахлдорро мувофиқи қонунгузорӣ ба амал мебарорад.

39. Банақшагирии фаъолияти Корхона ва талаботи харидорон ба маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ дар асоси тартиби муқарраргардида сурат мегирад.

## 6. САРМОЯИ ОИННОМАВИИ КОРХОНА

40. Сармояи оинномавии Корхона 65406 сомониро ташкил медиҳад.

41. Сармояи оинномавӣ ба мақсадҳои пешбининамудаи ҳамин Оиннома ва ҷиҳати таъмини иҷрои уҳдадориҳои Корхона дар ҳолати нокифоя будани маблағҳои ҷорӣ ва захираҳои мавҷуда истифода бурда мешавад.

42. Сармояи оинномавӣ аз ҳисоби ҳиссаҷудокуниҳо аз фоида, аз ҳисоби арзиши амвол, инчунин бо дигар воситаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст, ташаккул, зиёд ва ё кам карда мешавад.

43. Кам кардани сармояи оинномавӣ танҳо баъди огоҳонии хаттӣ ҳамаи кредиторон, ки ҳуқуқ доранд дар чунин ҳолат қатъ ё иҷрои пеш аз муҳлати уҳдадориҳои дахлдор ва ҷуброни зарари ба онҳо расонидашударо талаб намоянд, иҷозат дода мешавад.

44. Агар баъди анҷоми ҳар соли молиявӣ арзиши активҳои нақдии Корхона нисбат ба сармояи оинномавӣ камтар гардад, директор вазифадор аст, ки бо тартиби муқарраргардида ба Муассис ва Вазорати кишоварзӣ оиди ҳолати ҷойдошта хабар диҳад. Агар арзиши активҳои Корхона аз андозаи ҳадди ақалӣ дар қонун муайяншуда камтар гардад, Корхона метавонад бо қарори суд барҳам дода шавад.

45. Зиёд намудани сармояи оинномавии Корхона бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон имконпазир аст.

## 7. НАЗОРАТ

46. Назоратро аз рӯи фаъолияти молиявию хоҷагидории Корхона Муассис, Вазорати кишоварзӣ ва сохторҳои дахлдор ба амал мебарорад.

## 8. БАҲИСОБГИРӢ ВА ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

47. Корхона баҳисобгирии муҳосибавӣ, ҳисоботи молиявӣ ва омориро дар муҳлат ва тартиби муқаррарнамуна пеш мебарад ва барои дуруст

будани он тибқи тартиби қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулият дорад. Оид ба фаъолияти худ ҳисоботро ба Вазорат пешниҳод мекунад.

48. Корхона пардохти андозҳо ва дигар пархотҳои андозиро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ анҷом медиҳад.

## 9. ҚАТЪИ ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНА

49. Қатъи фаъолияти Корхона дар шакли азнавташкилдиҳӣ ё барҳамдиҳӣ ба амал бароварда мешавад.

50. Қатъи фаъолияти Корхона дар асоси қарори Муассис ё суд тибқи қонунгузорӣ ба амал бароварда мешавад.

51. Азнавташкилдиҳӣ (муттаҳид, ҳамроҳ, тақсим, ҷудо кардан, табдил додан)-и Корхона мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

52. Барҳамдиҳии Корхона метавонад дар ҳолатҳо ва тартиби муайяннамудаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

## 10. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

53. Ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Оинномаи мазкур тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармиши Вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.